**“ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ”**
Ректори Муассисаи давлатии таълимии
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Б. Ғафуров” доктори илмҳои
таърих, профессор Усмонзода А.И.

______________________

«7».11. 2023с.

# ХУЛОСАИ

**муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ба диссертатсияи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович таҳти унвони “Шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

Диссертатсияи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович дар мавзуи “Шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) дар кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” иҷро шудааст.

Унвонҷӯй Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович соли 2017 факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро бо ихтисоси омӯзгори фанни таърих ва ҳуқуқ (мутахассис) хатм кардааст. Аз 2018 то имрӯз дар кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” дар вазифаи муаллим кору фаъолият дорад.

Роҳбари илмӣ: Шаропов Шавкат Аҳмадович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” мебошад.

Мавзӯи дессертатсияи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович дар Шурои олимони МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” дар таърихи 28.11.2019с. бо қарори №4 тасдиқ карда шудааст.

Диссертатсияи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович дар мавзӯи “Шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

**Дар асоси муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Муаммои мутаносибгардонии фаъолият, ки барои ноилшавӣ ба мувофиқат, баробарӣ, тартиби қисмҳои том, ягонагии гуногуннавъӣ, мувофиқати ҳадаф, мундариҷа ва шакл равона гардидааст, имрӯз дар худмуайянкунии инсон ба муаммои ҳифзи асосҳои мавҷудияти ӯ мутобиқ буда, ба яке аз масъалаҳои мубрами илмҳои педагогии муосир маҳсуб меёбад.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти мазкур дорои аҳамияти амиқи назариявию амалӣ буда, дақиқ намудани методология ва асоси назариявии таҳқиқи муаммои мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ; асоснок намудани консепсия, ки ғояи асосии он дар раванди мутаносибкунандаи педагогӣ фаро гирифтани худмуайянкунии арзишҳои маънавию ахлоқӣ аз ҷониби мактаббачагон ҳамчун афзалияти низоми таҳсилот ва рушди шахсият мебошад; татбиқ намудани матлабҳои консепсия дар стратегия ва тактикаи мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ; бо роҳи таҷрибавӣ-озмоишӣ санҷидани самаранокии технологияи бунёдшудаи мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ; таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳои мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва омода кардани тавсияҳои оид ба ҷорӣ намудани натиҷаҳои таҳқиқот дар амалияи таҳсилот баррасӣ ва таҳлилу таҳқиқи комил пайдо кардааст.

Ҳадафи асосии таҳқиқот дар асоснокии методологӣ ва назариявӣ, тарҳрезӣ ва амалисозии технологияи мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ арзёбӣ мегардад.

Муаллифи диссертатсия фарзияи илмии таҳқиқотро воқеъбинона, аз нигоҳи илмӣ - назарӣ пешбинӣ карда чунин мешуморад, ки мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ташаккулу татбиқи тарзи инсонпарваронаи ҳаёт мусоидат менамояд, ки агар: - мувофиқати ҷузъҳо ва вазифаҳои он бо мақсади фарогирии арзишҳои маънавию ахлоқӣ аз ҷониби мактаббачагон (ва педагогҳо) дар асоси ноилшавӣ ба баробарӣ, мувофиқат, созгорӣ, ҳамдигарро пурракунӣ, мусоидати ҳамдигарии таркиби онҳо, пуркунӣ бо мазмуни аксиологӣ, интихоб ва амалисозии методҳои инсонгароёна, воситаҳои ахлоқӣ шаклҳои беҳтаркунанда амалӣ карда шавад;- стратегияи антропогении (инсонофаранда) созгории сохтори иҷтимоию ахлоқӣ ва психологии шахсият бо сохтори фаъолияти ахлоқӣ тавассути тағйирёбии сатҳу самти рушди соҳаҳои шахсияти мактаббача, пурра кардани онҳо бо мазмуни маънавию ахлоқӣ дар раванди ҷустуҷӯ ва азсаргузаронии мазмунҳои шахсиятии арзишҳо дар маҷмӯи вазъияти аксиологӣ амалӣ гардад; - тактикаи худмуайянкунии арзишӣ амалӣ шавад, ки масирҳои (барномаи шахсии худмуайянкунии мактаббача дар низоми арзишҳо дар мувофиқат бо хусусиятҳои инфиродӣ, шахсиятӣ ва омодагӣ ба худмуайянкунии арзишӣ) ва тарҳрезии иҷтимоии самтгириаш инсонпарваронаро дар бар мегирад; - мусоидати педагогӣ ба ин фаъолият аз ҳисоби бунёди фазои мутаносибкунандаи худмуайянкунии арзишӣ (таъсироти мутақобил, муносибатҳои субъектӣ-субъектӣ, муоиширати ихтиёрӣ ва гуногунсатҳ, рифоҳ, ҳамзистӣ) ва майдони тақсимкунӣ (муаммо, вазъияти интихоб, ба шохаҳо ҷудо кардани масирҳои худмуайянкунӣ) таъмин гардад.

Таҳлилу баррасии натиҷаҳои дар давоми таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ анҷомдодаи унвонҷӯй Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович аз он дарак медиҳад, ки фарзияҳои пешниҳодшуда тасдиқи амалии худро ёфтаанд.

Дар боби аввали диссертатсия, ки «Асосҳои методологӣ ва назариявии мутаносибгардонии муносибатҳои байни педагог ва хонандагон» номгузорӣ шудааст, масъалаҳои муносибатҳои педагог ва хонанда ҳамчун раванди педагогии мутаносибшаванда таҳқиқ ёфта, шартҳои педагогии ин муносибатҳо муқаррар шуданд, меъёрҳо ва маҷмӯи методикаҳои омӯзиш ва баҳодиҳии натиҷаҳои мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгору мактаббачагон баррасӣ гардидаанд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки аз тарафи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович дар ин боби таҳқиқот оиди ҷамъбаст ва хулоса намудани донишҳои илмӣ-назариявӣ марбут ба мутаносибгардонии

муносибатҳои байни педагог ва хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ кори ҷиддии назариявӣ гузаронида шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия «Технологияи педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва мактаббачагон» худташхисӣ ва худтаҳлилкунии вазъи мутаносибгардонии педагог ва мактаббачагон, тарҳрезӣ ва амалисозии технологияи педагогӣ барои мутаносибгардонии муносибатҳои таҳқиқшаванда анҷом ёфта, самаранокии натиҷаҳои амалисозии технологияи педагогӣ оид ба мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббачагон санҷида шудаанд.

Яке аз ҷузъҳои мусбии корро бо он ишора кардан мумкин аст, ки муаллиф нахуст ба муайян намудани мундариҷаи мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва мактаббачагон таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, сохтор, субъект ва объекти раванди педагогӣ, накша-барномаҳои таълимӣ-тарбиявӣ, фаъолияти таълимӣ ва методии он, бо таҷриба ва дастовардҳои педагогон шинос гардида, онро ҳамаҷониба ва дақиқкорона мавриди омӯзиш ва таҳил қарор додааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои озмоишӣ, ки дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методӣ коркард ва пешниҳод шудаанд, шаҳодат медиҳанд, ки муаллифи диссертатсия таҳқиқоти дорои арзиши баланди илмиву амалиро ба анҷом расонида, натиҷаҳои ба дастомада дар таҷрибаи амалӣ дар иртибот ба рушди мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва мактаббачагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ кумак ва мадад хоҳад расонд.

**Навгонӣ ва аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки муаллифи диссертатсия асосҳои илмӣ - назариявӣ ва методологии мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва мактаббачагонро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, роҳу усулҳои нави тақвият бахшидани фаъолияти мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва мактаббачагонро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян кардааст.

**Аҳамияти илмии таҳқиқоти** диссертатсионии Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бармеояд ва аз дастовардҳои зерин иборат аст:

- моҳияти мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ошкор карда шуд

- бартараф кардани носозгорӣ, номувофиқатии ҷузъҳо, вазифаҳо ва ноилшавӣ ба мутаносибӣ, мусоидати тарафайни онҳо дар асоси мутаносибшавии онҳо бо ҳадаф;

- механизмҳои мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян гардиданд: пурракунӣ, ҳамгирой, интериоризатсия ва экстериоризатсия, инъикос (меросбарӣ) ва тавлиди (офаридан) арзишҳо;

- маҷмӯи шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ асоснок карда шуд:

- самаранокии мутаносибгардонии раванди таҳқиқшаванда ошкор гардид: пайдоиши синергия, рушди рефлексия, азхудкунии аҳамияти арзишҳо, инъикос, тавлиди мазмунҳо, тағйири нуқтаи назар дар фаҳмиши арзиш, беҳтаргардонии интихобҳои арзишӣ, дақиқ кардани низоми арзишҳо, рушди иқтидори шахсиятӣ, пайдоиши сифатҳои нави шахсият, корҳои нек;

- технологияи педагогие коркард шуд, ки масирҳои инфиродӣ-шахсиятӣ (барномаи шахсии худмуайянкунии мактаббачагон дар низоми арзишҳо) ва лоиҳакашии иҷтимоиро фаро мегирад, ки ба мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ равона гардидааст.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисос илмӣ.** Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович, ки дар он баррасии масъалаи мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ анҷом дода шудааст, ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – «Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот» (илмҳои педагогӣ): банди 1–«Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ» (равишҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва ҳудудҳои татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқотҳои педагогӣ), банди 6 – «Консепсияи таҳсилот» (сифати таҳсилот ва технологияҳои арзёбии он; равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот), банди 7 – «Педагогикаи амалӣ» (ҷамъбасткунии таҷрибаи педагогии пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти озмоишию таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ) мутобиқат дорад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъала ва коркарди мавзуи илмӣ.** Мубрамии мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович, дар муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, матраҳсозии масъалаҳои

мубрами таҳқиқот, таҳлил ва хулосабарорӣ аз иттилооти бадастоварда иборат мебошанд. Дар баробари ин, аз ҷониби унвонҷӯ амсилаи роҳҳои гуногуни гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ оид ба ҷорӣ ва татбиқи технологияи мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳия карда шуда, оид ба натиҷаи он хулосаҳои зарурӣ бароварда шудаанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки тавассути озмоиши педагогӣ маҳсулнокии амсила ва технологияи мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шудаанд. Гузаронидани корҳои таҷрибавӣ равшану возеҳ нишон доданд, ки дар амалия истифодаи технологияи мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагон ин равандро боз ҳам пурмаҳсул мегардонанд ва дар маҷмуъ ҳавасмандии ҳам омӯзгор ва ҳам хонандагонро афзоиш медиҳанд.

Хулосаҳо ва тавсияҳои методие, ки аз тарафи унвонҷӯ пешниҳод гардидаанд ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷиҳати рушди ин раванд ҳамчун дастур, роҳнамо хидмат хоҳад кард. Маълумоти дар рафти таҳқиқот ба даст омадаро дар амалияи фаъолияти таълимӣ-маърифатии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар раванди омодагии омӯзгорони оянда дар донишгоҳу донишкадаҳо, донишкадаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф барои фаъолияти самаранок оид ба афзудани сатҳи маҳорати методии омӯзгорон дар ин самт метавонанд истифода шаванд.

**Асоснокӣ ва боэътимодии** таҳқиқотро мутобиқати методология ба ҳадафу предмети таҳқиқот; асоснокии хулосаҳо ва баҳодиҳӣ, муқоисаи онҳо бо маълумоти коркардҳои илмии олимони маъруф; истифодаи маҷмӯи методу воситаҳо; такроршаванда ва тағйирпазир будани интихоби аз ҷиҳати оморӣ муҳими иштирокчиёни кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, ки назардошти шароити мушаххас ва муқаррар кардани қонунияти падидаҳоро имкон медиҳад; мувофиқати маҷмӯи методҳои ба вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ; таҷрибаи шахсии муаллиф ба сифати омузгор таъйин мегардад.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои пажуҳиш, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва гузориши масъала мувофиқанд, коркард ва корбаст шудааст.

Мазмун ва муҳтавои дессертатсия дар 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст. Дар заминаи мавзуъ дар конфронсҳои ҷумҳуриявию вилоятӣ ва донишгоҳӣ (солҳои 2019-2023) аз ҷониби довталаб маърӯза ва гузоришҳои илмӣ ироа шудаанд.

Автореферати дессертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф муҳтавои асосии дессертатсияро инъикос менамоянд.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович дар мавзӯи «Шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаи илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” пешниҳод карда мешавад.

Тақриз аз тарафи ташхисгар, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Ҳошимова Г.Г. мураттаб шудааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” муҳокима ва тасдиқ гардидааст. Дар ҷаласа иштирок доштанд 18- нафар аъзои кафедра. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” 18- нафар, “муқобил” нест, “бетараф” нест. (қарори №2 аз 29 Сентябр 2023с.).

Мудири кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ
ва касбии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Вализода Шоирахон

Ташхисгар, номзади илмҳои педагогӣ,
Дотсент Ҳошимова Г.Г.

Котиби ҷаласа Ғафорова С.П.

**Маълумот барои тамос:** 735700. Ҷумҳурии Тоҷикистон: ш. Хуҷанд гузаргоҳи Мавлонбеков, 1; Тел: (+992) 92-6245002.
E-mail: shoirakhon.valizoda@mail.ru

Имзои Вализода Ш., Ҳошимова Г.Г. ва Ғафорова С.П.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ "ДДХ ба номи академик
Б.Ғафуров" ____________ Наврӯзов Э.М.